## Хулосаи аудитории мустақил

1. Аз ҷониби мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз тавозуни муҳосибавӣ вазъиятан ба 31 декабри соли 2011-ум, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пули ва ҳисобот оиди тағйироти сармояи худи барои соли дар таърихи қайдшуда ба охир расонида шуда, инчунин тавсифи кӯтоҳи унсурҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳоти шарҳдиҳанда иборат аст, гузаронида шуд. Барои омодакунӣ ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии мазкур, роҳбарияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ масъулият бардуш дорад. Ин масъулият чунин амалҳоро дар бар мегирад: коркард, дурнамо ва ба амалбарории назорати дохилӣ, ки бо омодакунӣ ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявӣ аз таҳрифоти муҳими натиҷаи қоллаби ва саҳвбуда ҷорӣ мебошад, вобаста дошта; интихоб ва амалигардонии сиёсати баҳисобгирии мувофиқ асоснокии баҳои ҳисобшаванда. Вазифаи мо ибрози фикр оиди ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронида мебошад.
2. Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудитори гузаронидем. Ин стандартҳо моро ба иҷро намудани талаботҳои одоб водор сохта, инчунин талаб мекунад, ки бояд аудитро тарзе ба нақша гирифта гузаронем, то дар бораи ҷой надоштани ҳеҷ гуна таҳрифот дар ҳисоботи санҷидашудаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои мавриди санҷиш қарордошта эътимоди комил таъмин карда шавад. Аудит иҷроиши маросимҳоро барои бадастории далелҳои аудитор оиди маблағ ва ошкоркунии ахборот дар ҳисоботи молиявӣ дарбар мегирад. Маросимҳои интихобшуда аз андешаронии аудитор, аз ҷумла оиди баҳодиҳии хавфи таҳрифоти муҳимро дар ҳисоботи молиявӣ, ки натиҷаи қаллобӣ ва иштибоҳ мебошанд, вобаста аст. Ҳангоми баҳодиии чунин хавф бо мақсади коркарди маросимҳои аудитории ба ҳолатҳо мутобиқшуда, аммо на бо мақсади ибрози ақида оид ба самаранокии назорати дохилии субъект, аудитор бояд назорати дохилиро дар вобастагӣ бо омодакунӣ ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии субъект мавриди омӯзиш қарор диҳад. Аудит инчунин баҳодиҳии мақбулияти хусусияти сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда ва асоснокии баҳои ҳисобшаванда, ки аз тарафи роҳбарият анҷом дода шудааст, инчунин баҳодиҳии пешниҳоди умумии ҳисоботи молиявиро дарбар мегирад. Ба андешаи мо далелҳои аудитории бадаст оварда шуда барои пешниҳоди асос оиди ибрози ақидаи аудитории мо кифоя ва мувофиқ мебошанд.
3. Аз рӯи мулоҳизаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда ҳолати молиявии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро вазъиятан ба 31 декабри соли 2011-ум, ки дар давоми соли ҷорӣ даромади умуми Хазина баробар ба маблағи 1 001 043 сомони, хароҷоти Хазина бошад баробар ба маблағи 413 437 сомони, маблағи софи даромад баробар ба маблағи 587 606 сомони мебошад. Аз инҳо маълум мешавад, ки соли молиявии худро Хазина ба натиҷаҳои мусбӣ, яъне ба маблағи 587 606 сомони ба анҷом расонидааст, бо тамоми зуҳуроти муҳимаш, натиҷаҳои фаъолияти молияви-хоҷагидории он ва гардиши воситаҳои пулиро дар давоми соле, ки дар санаи дарҷёфта, одилона тибқи СБХМ пешниҳод менамояд.

**ҶДММ «Аудитории Ш. Адолат»**
«26» январи соли 2012-ум
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Директор** **Д. Хомушов**

**Аудитор** **С. Бурҳонов**